# Тақриз

**ба автореферати рисолаи илмии Гулрӯи Сухроби Ҷурахонзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD доктор аз рӯи ихтисоси 6D010301–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

Омӯзиши хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ дар муассисаҳои тахсилоти миёнаи умумӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, мубрамият ва моҳияти он дар автореферат ва диссертатсия пурра дарҷ гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат мутобиқи сохтори Комиссияи олии аттестатсионӣ омода гардида, дорои муқаддима, 2 боб, 8 зербоб, хулоса, 3 ҷадвал, 4 расм ва аз феҳристи адабиёт (186) иборат буда, дар ҳаҷми 181 саҳифа таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимоти мубрамии кори илмӣ-таҳқиқотӣ, дараҷаи омӯзиш, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, фарзия ва навгониҳоро баррасӣ намуда, асосҳои назариявию методологӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия таҳлил ва нуктаҳои асосии он барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия–**«Асосҳои назариявии ташаккули худшиносии миллии хонандагон»** аз чор зербоб иборат буда, ба таҳлили иҷтимоӣ, фалсафӣ, таърихӣ, педагогӣ, психологӣ ва арзишҳои миллӣ бахшида шудааст. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили андешаҳои мутафаккирони ватанию хориҷӣ ва дигар манбаҳои назариявию эмпирикӣ, паҳлуҳои мухталифи масъалаи пешниҳодшуда ҳамаҷониба таҳқиқ гардидааст.

Боби дуюми рисолаи илмӣ–таҳқиқотӣ ба таҳлили **«Имконияти педагогии таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва нақши корҳои беруназдарсӣ дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон»** равона гардида, маводҳои таълимӣ дар синфҳои озмоишӣ ҳангоми таълими фанни

таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ аз ҷиҳати илмию педагогӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтаст.

Докторанти PhD ҳар як марҳилаи таҳқиқотии худро зимни корҳои озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №1, №5, №51–и шаҳри Кӯлоб, №1, №5, №15–и ноҳияи Восеъ ва №1–и ноҳияи Ховалинг дар байни 286–нафар хонандагони синфҳои озмоишӣ ва 284–нафар хонандагони синфҳои муқаррарӣ самаранок гузаронида, натиҷаи ба дастомадаро тавассути ҷадвалҳо ва диаграмаҳо нишон додааст.

Хулосаҳои илмии таҳқиқот дар 7 банд мушаххас ва алоҳида оварда шуда, тавсияҳо низ пешниҳод гардидаанд.

Муаллиф дар асоси натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот 1 монография, 1дастури таълимӣ ва 12 мақола нашр намудааст, ки аз ин 8 тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия ба табъ расидаанд.

Хулоса дар рисолаи мазкур мазмуни худшиносии миллӣ аз рӯи мақсад, панҷ падидаро дар бар мегирад:

1. Нақши худшиносӣ дар ҳаёти инсон
2. Давраи ташаккулёбии худшиносӣ
3. Омилҳое, ки ба ташаккули худшиносӣ таъсир мерасонанд
4. Қисматҳои сохти худшиносӣ
5. Вазифаҳои худшиносию худбаҳодиҳӣ

Дар автореферати рисолаи мазкур, дар баробари муваффақиятҳои зиёд, баъзе нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, ки ислоҳи он боиси боз ҳам афзудани сатҳу сифати пажуҳишҳои минбаъда хоҳад буд:

1. Дар баробари қавӣ гардонидани аҳамияти назариявии таҳқиқот беҳтар мешуд, ки диссертант асосҳои методологии таҳқиқотро боз ҳам қавитар мегардонид.

2. Ба назари мо беҳтар мешуд, ки докторант PhD дар кори озмоишии рисолаи худ теъдоди муассисаҳои таълимиро зиёд менамуд.

Пешниҳоду эрод ва мулоҳизаҳо ҷанбаи ҷузъӣ ва тавсиявӣ дошта,

арзиши асосии назариявӣ ва амаллии рисоларо коҳиш дода наметавонанд.

Автореферат ва диссертатсияи Гулрӯи Сухроби Ҷурахонзода дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» ба бандхои 76, 77 ва 79-и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD доктор аз рӯи ихтисоси 6D010301–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Иҷрокунандаи мудири
кафедраи педагогикаи
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав,
номзади илмҳои педагогӣ Бобоева Гулбаҳор Шарифовна

**Маълумот барои тамос:** 735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Моб. 900434443.
E-mail: boboevagulbahor0@gmail.com

*Имзои номзади илмҳои педагогӣ, Бобоева Гулбаҳор Шарифовнаро тасдиқ менамоям.*

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

8. 12. 2022